# ҶАЛАСАИ ШУРОИ ОЛИМОНИ ПАЖӮҲИШГОҲ БАРГУЗОР ГАРДИД

26 июни соли 2026 дар толори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ҷаласаи навбатии Шурои олимони муассиса баргузор гардид. Дар оғози ҷаласа директори Пажӯҳишгоҳ, номзади илмҳои техникӣ Сироҷиддин Ниёзӣ «Оид ба фаъолияти кормандони раёсат, шуъбаҳо, лабораторияи илмӣ-таҳқиқотӣ ва китобхонаи илмии муассиса дар нимсолаи аввали соли 2026» ҳисобот пешниҳод намуд. Мавсуф зимни суханронӣ таъкид кард, ки рушди илму маориф, баланд бардоштани сифати таҳсилот, ҷорӣ намудани усулҳои инноватсионии таълим ва ташаккули шахсияти эҷодкору соҳибмаърифат аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат ба шумор меравад. Дар ин замина суханони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ёдовар шуда, иброз дошт: «Пояи давлат ва асоси ҳастии миллатро мактабу маориф ташкил медиҳад». Таъкид гардид, ки ин дастури Пешвои миллатмуҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аҳли илму маорифро водор месозад, то фаъолияти худро ба талаботи замони муосир мутобиқ намуда, барои баланд бардоштани сифати корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, таҳияи барномаҳои таълимӣ, такмили китобҳои дарсӣ ва татбиқи технологияҳои муосири педагогӣ тадбирҳои муассир андешанд. Ҳамзамон, фаъолияти сохторҳои Пажӯҳишгоҳ, натиҷаҳои корҳои анҷомдодашуда, иҷрои нақшаҳои корӣ ва вазифаҳои минбаъда мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтанд. Ҳамчунин, котиби Шурои олимон, номзади илмҳои педагогӣ Г. Ш. Ҷонмаҳмадова «Дар бораи рафти иҷрои қарорҳои Шурои олимон дар нимсолаи аввали соли 2026» маълумот манзур намуд. Дар идомаи ҷаласа мудири шуъбаи коркард ва татбиқи технологияи инноватсионии таълим (таҳсилоти 12-сола), номзади илмҳои педагогӣ С. Амонӣ дар мавзуи «Ташаккули фаъолияти эҷодии маърифатӣ ҳамчун омили муҳими рушди шахсияти хонандагон дар шароити гузариш ба таҳсилоти 12-сола» маъруза намуд. Дар маъруза аҳаммияти рушди тафаккури эҷодӣ, мустақилияти маърифатӣ ва фаъолнокии хонандагон дар раванди навсозии низоми таҳсилот таъкид гардид. Аъзои Шурои олимон вобаста ба масъалаҳои баррасишуда мубодилаи афкор намуда, пешниҳоди мушаххас иброз доштанд. Аз рӯйи масъалаҳои рӯзномаи ҷаласа қарорҳои дахлдор

қабул гардид. Дар доираи масъалаҳои ҷорӣ мавзуъи рисолаҳои илмии як гурӯҳ унвонҷӯён баррасӣ шуда, роҳбарони илмии онҳо муайян гардиданд. Зимнан, ба мутобиқати мавзуъҳои таҳқиқотӣ бо самтҳои афзалиятноки рушди илму маориф таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шуд. Дар ҷамъбасти ҷаласа доир ба масъалаҳои баррасишуда қарорҳои дахлдор қабул гардида, ҷиҳати татбиқи босифату саривақтии онҳо ба масъулон супоришҳои мушаххас дода шуданд.















